# ТАҚРИЗИ

мукаррризи расмӣ ба кори диссертатсионии Рустами Абдуҷаббор дар мавзуи «Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор дар мавзуи «Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ» ба шиноснomaи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: аз он ҷумла, ба *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; фардикунонӣ ва тафриқаи таълим; намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусиятҳои таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқат дорад.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Рустами Абдуҷаббор яке аз мавзуъҳои ҳалталабе мебошад, ки дар ҷомеаи имрӯза мувофиқати «ахлоқӣ» ва «иқтисодӣ» дар шуури одамон тезу тунд гаштааст. Дар ин маврид бояд таваҷҷуҳи хосаро ба тарбияи ахлоқӣ ва иқтисодии насли наврас равон намуд, зеро системаи арзишҳои онҳо дар раванди ташаккулёбӣ мебошад. Маҳз ҳамин талабот мубрамияти омӯзиши мавзуъро афзун мекунад, зеро дар ҳамин синну сол азхудкунии фаъоли арзишҳои ҷомеа оғоз ёфта, ташаккули босуръати шахсият, ки насли ояндасози ҷомеа маҳсуб мешавад, сурат мегирад.

Аз ин нуктаи назар, унвонҷӯй мавзуи бисёр муҳимеро барои таҳқиқ интихоб кардааст ва хеле дуруст таъкид менамояд, ки маҳз хонавода омили муҳим барои ташаккулёбии шахсияти наврас ба шумор меравад, бинобар ин омӯзиши муносибатҳои хонаводагӣ, нақши волидайн дар ташаккулёбии арзишҳои ахлоқӣ ва иқтисодии наврас масоили мубрами таҳқиқи мо қарор дода шудааст.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб

Рустами Абдуҷаббор дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ – амалӣ, ки бо гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ мушкилоти тарбияи иқтисодии насли наврас, ташаккул додани меъёрҳо ва сифатҳои ахлоқиву иқтисодии онҳо бар дӯши ҳамаи институтҳои иҷтимоии тарбиявии ҷомеа вогузор мегардад. Дар ин маврид мавқеъ ва нақши хонавода назаррас аст. Зеро азхудкунии донишҳои ибтидоӣ, муайянкунии тасаввурот ва васеъшавии ҷаҳонбинии насли наврас маҳз аз хонавода оғоз мегардад. Ҳамаи ин зарурияти омӯзиши мақом ва нақши назарраси хонаводаро ҳамчун институти тарбиявии иҷтимоӣ дар ташаккулёбии шахсияти насли ояндасоз муҳим ва мубрам менамояд, таъмин мекунанд ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Омӯзиши назариявӣ ва амалии хонавода ҳамчун ниҳоди тарбиявӣ дар таҳқиқоти олимони рус, аз ҷумла Ю.Е. Алешкина, А.И. Антонов, Е.И. Захарова, Д.А. Карабонова, И.С. Кон, М.С. Масковский, А.Г. Хорче ва муҳаққиқони аврупоӣ, аз ҷумла М. Бодон, К. Витакерн, О. Виникота, С. Кротахвила, В. Сатир, З. Фрейд, Э. Фром, Д. Хейли, Л. Хофман, Э. Эриксон А.Ф. Аменд, О.А. Ворожеева, А.А. Солматов, И.А. Сосова хеле муфассал ва равшан мавриди таҳқиқ қарор гирифта, паҳлуҳои гуногуни нақши хонавода дар тарбияи насли наврас таҳқиқ ва баррасӣ гаштаанд.

Бо гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ нуқтаи назар ба масоили тарбияи иқтисодӣ мутлақо дигар гашт. Комилан зарурияти дар насли наврас ташаккул додани он сифатҳои ахлоқӣ-тарбиявие ба миён омад, ки барои мутобиқ шудан ба муносибатҳои нави иқтисодиву иҷтимоӣ мусоидат намояд. Ин тарафи масъала аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ М. Орифӣ, И. Арабов, Б. Раҳимов, М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, Х. Раҳимзода, Б. Маҷидова, З. Саидзода, М. Каримзода ва дигарон мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор гирифтааст. Дар илми ватанӣ ҳоло таҳқиқи масъалаи мазкур ба таври бояду шояд оғоз нагардидааст.

Ҳамзамон муайян кардани вижагиҳои методологӣ ва педагогии омӯзиши назариявӣ ва амалии хонавода ҳамчун ниҳоди тарбиявӣ муайян карда мешавад.

Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, довталаб Рустами Абдуҷаббор дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқику таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо комёб гаштааст. Аз ҷумла:

– таҳқиқи асосҳои назариявии тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода;

– муайянсозии махсусияти синну соли тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода;

– омӯзиш ва истифодаи усулҳои тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода ва ошкорсозии самаранокии истифодаи онҳо;

– муайян ва таҳқиқ намудани тасаввуроти иқтисодии наврасон ба таври озмоишӣ.

Бинобар ин, месазад, ки таҳқиқоти довталабро ниҳоят мубрам, сариваҡтӣ ва дархури фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ арзёбӣ кунем.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Рустами Абдуҷаббор, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсбарангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

- нақши хонавода ҳамчун институти тарбия ба таври назариявӣ омӯхта шудааст;

- дар заминаи таҳқиқот мушкилоти раванди тарбияи хонаводагии иқтисодии наврасон дар замони иқтисоди бозорӣ муайян ва нишон дода шудааст;

- роҳҳои бартараф кардани мушкилоти раванди тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода нишон дода шудааст;

- роҳҳо, принсипҳо, методҳо ва технологияи тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода бо такя ба натиҷаи таҳқиқот пешниҳод карда шудааст;

- бо такя ба натичаи таҳкикот роҳу усулҳои нави ташаккули тасаввурот ва тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода баррасӣ гардидааст;

- тавсияҳои илмӣ-педагогӣ барои омӯзгорону мутахассисон оид ба роҳҳои баланд бардоштани фарҳанги хонаводагӣ ва тарбияи иқтисодии наврасон коркард ва ироа шудаанд.

Нуқтаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

- махсусият ва мушкилоти асосии тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода дар замони иқтисоди бозорӣ;

- роҳҳои самарабахши ҳал намудан ва баланд бардоштани сатҳи тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода;

- ҷустуҷӯи роҳу усулҳои беҳтарин дар раванди тарбияи иқтисодии наврасон дар хонавода;

- рушди тасаввурот, дониш, маҳорату малакаҳои иқтисодии наврасон дар тарбияи хонаводагӣ дар замони иқтисоди бозорӣ.

- муаллиф кушиш намудааст роҳ, усул, метод ва технологияҳои педагогиву психологии баланд бардоштани сатҳи тарбияи наврасон дар хонавода дар замони иқтисоди бозориро тарҳрезӣ кунад. Барои иҷрои ин амал кӯшиш намудааст аз адабиётҳои зиёд оид ба роҳҳои самарабахши ҳал намудан ва баланд бардоштани сатҳи тарбияи иқтисодии наврасон дар хонаводаро баҳрабардорӣ намуда, маводи назариявиро бо таҷрибаи амалӣ алоқаманд намояд;

- натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯй мақсаднокии истифодаи амсилаи озмоишӣ ва шароити педагогии пешниҳоднамударо дар омӯзиш ва нишон додани нақши хонавода дар тарбияи иқтисодии насли наврас ва ташаккули меъёрҳо ва сифатҳои ахлоқиву иқтисодӣ дар замони иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад, тасдиқ намуданд.

Бояд зикр кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ то ба имрӯз ба қадри кофӣ аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, вобаста ба ин муҳаққиқ дар ин ҷода кори илмӣ-таҳқиқотии шоёнеро, шогирдона бошад ҳам, ба анҷом расонидааст.

Бо дарназардошти ин довталаби дараҷаи илмӣ модели раванди тарбияи иқтисодӣ ва ташаккули сифатҳои салоҳиятҳои иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ ва нақши фарҳанги хонаводаро

дар тарбияи наврасон тахия ва пешниход намудааст, ки яке аз дастовардҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*

Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ нақши хонавода дар тарбияи иқтисодии насли наврас ва ташаккули меъёрҳо ва сифатҳои ахлоқиву иқтисодӣ дар замони иқтисоди бозориро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст.

Яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, маводи таърихӣ ва асарҳои педагогҳои ватанӣ, таҷрибаи ҷамъбастшудаи пешқадами педагогӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи шахсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил медиҳанд.

Бояд зикр кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ то ба имрӯз ба қадри кофӣ аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, вобаста ба ин муҳаққиқ дар ин ҷода кори илмӣ-таҳқиқотии шоёнеро ба анҷом расонидааст. Аз ин дидгоҳ, унвонҷӯй таҳқиқоти шоёну муҳимеро ба сомон расонидааст, ки дархури ниёзҳои ҷомеаи имрӯза мебошад.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, семинарҳо доир ба масъалаҳои назариявӣ ва амалияи роҳҳо ва усулҳои тарбияи хонаводагии иқтисодии наврасон, дар гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, зимни баромадҳо ва суханрониҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ сурат гирифтанд, тасвиби худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсияи илмӣ дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара якчанд маротиба (давоми солҳои 2019-2022) баррасӣ гашта, дар конференсияҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар ба таври васеъ баррасӣ шудаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*

Арзиши илмӣ ва амалии тахқикот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- аҳамияти амалии таҳкикоти диссертатсионӣ аз он иборат мебошад, ки асосу тавсияҳои методии дар амал санҷидашуда, натиҷаҳои илмии он ба сифати маводи коркардшуда ва тавсияҳои амалӣ дар фаъолияти тарбияи кӯдакону наврасон асос ёфтааст;
- маводи ҷамъбастшудаи таҳқиқот ба сифати маводи амалӣ дар фаъолияти кӯдакон дар асоси фарҳанги хонаводагӣ дар тартиб додани барномаю дастурҳои таълимию методӣ кӯмак мерасонад;
- хулоса ва натиҷаҳои бадастомадаро омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ метавонанд зимни таҳияи барномаҳо ва технологияҳои ташаккули муносибати арзишнок нисбат ба тарбияи иқтисодии хонандагон дар оила ва ғанигардонии таҷрибаи маънавӣ-ахлоқӣ ва иқтисодии хонандагон тавассути эҷоди низоми тавсияҳои амалӣ дар шароити ҷомеаи муосир истифода баранд;
- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон метавонанд ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор доир ба ташаккули тарбияи иқтисодии бачагон дар оила истифода баранд;
- маводи бадастомада ва хулосаҳои тадқиқот метавонанд ҳангоми маърузаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои мактаббачагон, омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон мавриди истифода қарор бигиранд.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*

Натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии такризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба

моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқарраротҳи Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Диссертант дар таҳқиқи рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст. Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Рустами Абдуҷабборро кори илмии баанҷомрасида ва арзиши илмии назариявӣ ва амалидошта ҳисобид.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ба манфиат хоҳад анҷомид:

1. Азбаски муаллифи диссертатсия солиёни зиёд мавзуи мазкурро мавриди таҳқиқ қарор дода, таҷриба андӯхтааст бисёр хуб мешуд, ки намунае чанд аз таҷрибаи касбии худи довталаб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирифт ва дар диссертатсия нишон дода мешуд.

2. Муаллифи диссертатсия таъкид кардаанд, ки хонавода ин маҷмуи мураккаби муносибатҳои ҳамсарон, волидайн, фарзандон ва дигар хешу ақрабо мебошад. Дар якҷоягӣ ин муносибатҳо муҳити хонаводаро ташкил мекунанд. Ин муҳит ба ҳиссиёти ҳамаи аҳли хонавода таъсиргузор аст. Аз оне ки чи гуна калонсолон ба наврасон таъсир мегузоранд, наврасон зиндагиро ҳамон тавр тасаввур мекунанд. Беҳтар мешуд, агар муаллифи диссертатсия мисолҳои мушаххас аз ягон оилаи намунавӣ ё баръаксро дар диссертатсия ҷой медод ва ин ба баландшавии арзиши кори диссертатсионӣ мусоидат мекард.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикиро дидан мумкин аст, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро баланд менамуд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор дар мавзуи «Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ», ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Бобоева М.Ҷ.

**Маълумот барои тамос:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16, 1;
Тел.+992 (992-33.22) 2.35.06,
Почтаи электронӣ: E/mail: Mahbuba72@list.ru.

23.10.2023
“Имзои Бобоева Маҳбуба Ҷӯрахоновнаро тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК ба номи А.Рӯдакӣ Ф.Амиров